ТАЛОШИ Н. МАХСУМ БАРОИ ТАЪСИСИ ТОҶИКИСТОН с.9
ДАЪВАТИ БАҲОРИИ НАВАСКАРОН ОҒОЗ ШУД с.2
АНГИШТ: МАРГИ 9 НАФАР ДАР 1 ҲАФТА с. 3

ТОҶИКИСТОН
№10 (1573), 06.03.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ДОВТАЛАБ - 2024

ММТ ЧАРО НАРХҲОРО ГАРОН КАРД?



M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —
Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»

Маҷмааи бисёрфункционалии "Ҳисор мол" бо ҷойгирониии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.

ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ
- Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиновариии дарунӣ
- Маркази фитнес



Телефони шуъбаи фурӯш: +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33

ДАР ИН ШУМОРА:

ҲАЛҚАИ БАРҚ
Эрон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон-ро муттаҳид мекунад? с.3

ТО 30 ҲАЗОР СОМОНӢ
Мукофти ректори ДМТ-ро кӣ мегирад? с.2

АЪЗАМҶОН АЗИМОВ:
Ба Институти журналистика ниёз дорем! с.4

НАВРӮЗ ДАР РАМАЗОН
Он чӣ гуна таҷлил мешавад? с.5

ЧАКАНПӮШОН ДАР ӮЗБЕКИСТОН
Ё талоши як бонуи тоҷик дар Чирчиқ с.6

"РАХШ ТАКСӢ"
Фаъолияти он кай ба танзим медарояд? с.5

РӮЗИ МОДАР
Зан чӣ гуна офарида шуд? с.8

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
21 000 нусха.

ДАЪВАТИ БАҲОРИИ НАВАСКАРОН ОҒОЗ ШУД

5-уми март фармони Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбии муҳлати хизматро адокарда ва даъвати навбатии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ имзо шуд.

Тибқи ин фармон хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел-майи соли 2024 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ, Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои дохилии ВКД, Қӯшунҳои мудофиаи граждании КҲФ, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, баталйони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсус ба эҳтиёт рухсат карда мешаванд.

Моҳҳои апрел-майи соли 2024 шаҳрвандони ҷинси марди соли таваллудашон 1997-2007-и то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтар, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сохтору воҳидҳои зикршуда даъват карда мешаванд.

РАИСИ ВИЛОЯТ БА АЁДАТИ ШОИРА ФАРЗОНА РАФТ

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба муносибати Рӯзи модар ба аёдати чанд нафар занони барӯманди вилоят рафт.

Ӯ аз ҷумла ходими намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ Биҳоҷал Раҳимова, Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Сайрам Исоева, Шаҳрванди фахрии Хуҷанд Хосият Зокирова, Файзинисо Ғафурова, Мағфират Дадобоеваро аёдат намудааст.

Зимни дидорбинӣ таъкид карда шуд, ки модар қиматтарин неъмати рӯи дунё, сарчашмаи муҳаббати беканор, чашмаи мусаффо ва махзани ганҷи фарзанд, ҳимматбаландтарин шахси башарият аст.

ПОЛКОВНИК ЮСУФЗОДА 19 СОЛ ЗИНДОНӢ ШУД

Полковник Акмал Юсуфзода 19 сол равонаи зиндон гардид. Номбурда барои рабудану қатли Исмоил Раҳмонов, устоди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон гунаҳкор донista шуд.

Ҳамроҳи Акмал Юсуфзода - хешованди ӯ Исмоилҷон Шукуров ҳам 12 сол зиндонӣ шуд.

Ба иттилои Суди Олии Тоҷикистон, ҳукми Акмал Юсуфзода ва Исмоилҷон Шукуров 28-уми феврали соли равон баромад.

Юсуфзода дар асоси ду банди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - одамрабоӣ бо маслиҳати пешакӣ (моддаи 130, қисми 2) ва куштор бо бераҳмии махсус (моддаи 104, қисми 2) гунаҳкор дониста шуд. Исмоилҷон Шукуров бошад, танҳо ба одамрабоӣ гунаҳкор мебошад.

Ёдовар мешавем, ки Акмал Юсуфзода шаби 12-уми июни соли 2023 Исмоил Раҳмоновро аз назди қурутобхонаи "Муслим"-и Душанбе рабуда, ба дарёи Фони ноҳияи Айнӣ партофта буд.

То ҳол ҷасади устоди донишгоҳ пайдо нашудааст. Сабаби ин ҳодиса рашк арзёбӣ мешавад.



Эмомалӣ Насриддинзода, ректори ДМТ

АЗ 20 ТО 30 000 МУКОФОТИ РЕКТОРИ ДМТ БА ОЛИМОН

Ректори ДМТ, профессор Эмомалӣ Насриддинзода докторантону аспирантонро барои ҳимояи рисолаи илмӣ дар соли 2024 ҳавасмандии пулӣ мекунад.

Барои ҳимояи рисолаи докторӣ 30 ҳазор ва рисолаи номзадӣ 20 ҳазор сомонӣ муайян шудааст. Ин ташаббуси ректор ба онҳое дахл дорад, ки омӯзгору кормандони асосии ДМТ мебошанд. Инчунин, ба рисолаҳое дахл дорад, ки дар соли 2024 (аз 28.02.2024 то 31.12.2024) ҳимоя мегарданд. Ин пешниҳоди Эмомалӣ Насриддинзода бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040», «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» ва ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои илмӣ, аз ҷумла рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидори зеҳнӣ, инчунин ба ҳам пайвастани илм ва истеҳсолот аст.

Иқдоми ректор озмун набуда, ҳавасмандӣ, кумак ва дастгирӣ нисбат ба омӯзгорону кормандон аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ аст.


САРИ САБЗ



Рафоат АБДУСАЛОМОВА,
аввалин наттоқи телевизиони тоҷик

- Имрӯз бархе наттоқони телевизион матнро бомаҳорат, бурро, нишонрас, бо оҳанги хоса ва тибқи мазмуни соҳа хонда наметавонанд. Алалхусус дар телевизион, онҳое, ки сухан мегӯянд, бояд бо забони ноби адабии тоҷикӣ ҳарф бизананд.

- Яъне, гуфтаниед, ки наттоқон бояд аввал зиёд хонанд, ба мазмуни соҳа сарфаҳм рафтаву ҳатто матнашонро худашон нависанд ва баъд наттоқӣ кунанд?



Алишер СУЛТОНОВ,
ҳачвнигор ва блогери ҷавон

- Ҳоло даромад аз блогерӣ ҳар хел аст. Рӯзе ҳаст, рӯзи дигар нест. Албатта, ин гузаранда аст, ҳар нафаре меҳнат кунаду таслим нашавад, ҳатман муваффақ мегардад. Саросема нестам, медонам, ки яку якбора ба ошёнаи панҷум баромадан имкон надорад.

- Рост, ҳама рӯзҳо пайи ҳам, бо зарару фоидаашон мегузаранд. Муҳим ин ки, саросема нашавед, вагарна яку якбора аз ошёнаи панҷум фаромадан хеле осон аст...



Бехрӯз НАСРИДДИНОВ,
мутахассиси техникаи суханварӣ

- Дуруст аст, ки радио дар ҳаёти ман нақши хеле калон дорад. Ин даргоҳ ҳаёти маро ба куллӣ тағйир дод ва агар касе шудам, маҳз бо шарофати кор дар радио аст. Ҳатто ман тӯйамро дар эфири радио, дар шоҳидии шунавандагони бешумор гузаронидам.

- Чун дар сохтори андоз ҳам як муддат кор кардаед ва дӯстони зиёд доред, ҷолиб аст, ки оё аз ин сохтор ҳам меҳмонон ба табрикатон омада буданд?

ДОВТАЛАБ - 2024

ММТ ЧАРО НАРХҲОРО ГАРОН КАРД?

Шуруъ аз аз 1-уми марти соли равон дар Тоҷикистон давраи асосии бақайдгирии довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) - 2024 оғоз гардид. Имсол ҳам арзиши иштирок ва хизматрасонӣ барои довталабон боло рафтааст.



Чаро нархҳо боло рафтанд?

Аз Маркази миллии тестӣ (ММТ) хабар доданд, ки дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ арзиши иштирок дар имтиҳоноти дохилшавӣ дар соли 2024 боло рафтааст.

Тибқи иттилои ММТ, арзиши хидматрасонӣ барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (хатмкунандагони синфи 11), ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ 330 сомонӣ ва барои довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (хатмкунандагони синфи 9) бошад, 230 сомонӣ муқаррар шудааст. Ҳол он ки, соли 2020 ин маблағ 300 сомонӣ ва 210 сомонӣ буд.

Ҳамчунин, аз ММТ хабар медиҳанд, ки дар ҳолати тағйир додани интихоби ихтисос дар давраи асосӣ, барои азнавбақайдгирӣ довталаб бояд 30 сомонӣ пардохт кунад. Ин маблағ дар соли 2023-юм 25 сомонӣ буд.

Бояд қайд кард, ки соли 2023 низ арзиши хидматрасониҳои ММТ нисбат ба соли 2022 аз 30 то 60 сомонӣ боло рафта буд.

Вале аз ММТ далели боло рафтани нархҳоро шарҳ надоданд.

Киҳо имтиёз доранд?

Аз ММТ хабар медиҳанд, ки имсол гурӯҳи довталабони дар пардохти маблағи хидматрасонӣ имтиёздошта зиёд гардидааст.

Шахсоне, ки барои пардохти маблағи хидматрасонӣ имтиёз доранд:

- шахсони то 22-сола, ки ятими кул ё бепарасторанд, кӯдакони маъюб ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ки яке аз волидонашон вафот кардаанд, падар ё модари танҳо ё маъюб доранд, аз пардохти маблағ пурра озоданд;

- кӯдакони маъюб ва маъюбони гурӯҳҳои I ва II, шахсони то 22-сола, ки нимятиманд ё падар ё модарашон маъюби гурӯҳи I ё II мебошад, аз пардохти 50 % маблағ озоданд.

Ҳамчунин...

ММТ таъкид мекунад, ки маблағҳои муайяншударо довталаб бояд тавассути БДА “Амонатбонк” ё барномаи мобилии “Амонат мобайл” пардохт намуда, расидро бо дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба ММТ пешниҳод кунад.

Маълумоти пурраро дар бораи бақайдгирӣ аз дастури иттилоотию методии “Роҳнамои довталаб”, ки шакли чопии онро ММТ ба муассисаҳои таълимӣ ройгон дастрас карда, гунаи электрониашро дар сомонаи худ ҷой додааст, пайдо кардан мумкин аст.

Мавриди зикр аст, ки давраи асосии бақайдгирии довталабон то 30-юми апрел давом мекунад.

Д. ҚОДИРПУР

ҲАЛҚАИ БАРҚ

Миёни Эрон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон имкон дорад?

- Алиакбари Меҳробиён, вазири неруи Эрон дар гуфтугӯ бо Ҷӯрабек Мирзомуҳаммадов, вазири энергетикаи Ӯзбекистон таъкид кард, ки Эрон бо ағлаби кишварҳои ҳамсояи худ табодули барқӣ дорад ва ин мубодилот метавонад тавсеа пайдо кунад,- иттилоъ додааст хабаргузории "ИРНА".


Инчунин, вазири неруи Эрон бар ҳамкории чаҳорҷонибаи кишварҳои Эрон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар тарҳи иттисоли электрикӣ, омодагии ширкатҳои тавонманди эронӣ барои ҳамкорӣ бо Ӯзбекистон дар иҷрои лоиҳаҳои барқӣ, омодагии ширкатҳои тавонманди эронӣ дар заминаи судури тақҳизоти барқӣ ва сохти хати тавлиди тақҳизот дар ин кишвар, ташкили дувумин нишасти гурӯҳи кории муштараки энержӣ ва таҳияи нақшаи роҳи ҳамкорӣ миёни ду кишвар таъкид намуд.

“Эрон бо ағлаби кишварҳои ҳамсоя, ба вежа бо кишвари Туркманистон табодули барқӣ дорад ва дар ин ҷаласа дар бораи иртиботи Эрон ва Ӯзбекистон аз масири Туркманистон музокироте сурат гирифт. Хушбахтона имкони амалисозии ин масъала вуҷуд дорад”,- гуфт ӯ.

Дар навбати худ оқои Мирзомуҳаммадов гуфт, ки дар заминаи ҳамкориҳои барқӣ нукоти хубе мавриди ишора қарор гирифт ва дар ин бора дар замони авҷи масраф метавон монеаҳоро бартараф кард.

АНГИШТ: ГАРМӢ Ё ЗАҲРОЛУДШАВӢ?

Шаби 5-уми марти соли равон бар асари заҳролуд шудан аз дуди ангишт 3 узви як оила ҳалок шуданд. Дар ин бора аз Кумитаи ҳолатҳои фавқулода хабар медиҳанд.



Марги 9 нафар дар 1 ҳафта

Ба иттилои манбаъ, ҳалокшудагон сокинони деҳаи Турушбоғи ҷамоати деҳоти Хонақоҳи Кӯҳии шаҳри Ҳисор будаанд. Фавтидагон узви як хонавода - падари 60-сола, модари 54-сола ва духтари 15-сола будаанд.

Ёдовар мешавем, ки дар як ҳафтаи охир ин ҳодисаи дуюми аз дуди ангишт ҳалок шудани сокинони кишвар аст. Шаби 28-уми феврал низ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 6 узви як оила аз дуди ангишт ҳалок шуда буданд.

Бо сард шудани ҳаво дар даҳ рӯзи охир дар кишвар мушкили интиқоли барқу гармӣ пеш омад ва сокинони кишвар маҷбуранд, ки аз ангишт истифода баранд. Ангишт яке аз василаҳои арзон ва дастраси гарм кардани хонаҳост, вале зараррасон низ ҳаст ва гоҳо оқибати фалокатбор дар пай дорад.

Ҳушдори КҲФ

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи кишвар барои пешгирӣ кардан аз заҳролудшавӣ аз дуди ангишт тавсияҳо нашр кардааст.

КҲФ тавсия медиҳад, ки дар ҳолати заҳролуд шудан аз дуди ангишт дар аввал сарчашмаи дудро хомӯш кардан лозим аст. Сипас тирезаҳоро кушода, мошини **Ёрии таъҷилиро даъват кардан зарур мебошад.**

- бухориҳоро бо бензин, керосин ва дигар моеъҳои зуд оташгиранда наафрӯзед. Истифодаи онҳо метавонад боиси эҷоди дуд ва паҳншавии шуъла гардад;

- ҳаргиз ҳезум ва дигар маводҳои оташгирандаро барои хушк кардан болои бухориҳо нагузоред. Либосҳои тарро дар либосовезҳо хушк кунед;

- ҳаргиз дар бухорӣ дар ҳоли кушода будани дари он оташ гирон накунед. Бухориҳоро ҳангоми гарм кардани хона беназорат нагузоред;

- ҳамеша дудбарои бухориҳои худро санҷед, онҳоро аз ҳар гуна дудаву дигар олудагиҳо тоза намоед, то боиси заҳролуд шудан аз гази карбон нашаванд.

Ёрии аввалин барои пешгирии заҳролудшавӣ:

- Ҷабрдидаро ба ҳавои тоза бароред.

- Бартараф кардани ҷараёни оксиди карбон. Ҳавои ҳуҷраро тоза кунед, дару тирезаҳоро кушоед ва ҳуҷраро тарк кунед.

- Ҷабрдидаро ба ҳавои тоза бароред ва нафаскашии кӯтоҳмуддатро таъмин кунед, баданро молед.

- Мошини Ёрии таъҷилиро даъват кунед.

- Агар ҷабрдида беҳуш бошад, нафаскашии сунъиро фавран то омадани ёрии таъҷилӣ оғоз кардан лозим аст.

- Агар шумо ба заҳролудшавӣ аз оксиди карбон гумон кунед, ба духтури таъҷилӣ хабар диҳед. Агар ҷабрдида аз гази карбон ба худ омада, вале муддати тӯлонӣ беҳуш бошад, бояд фавран ба муассисаи тиббӣ интиқол дода, табобат карда шавад.

АЪЗАМҶОН АЗИМОВ:

МО БА ИНСТИТУТИ ЖУРНАЛИСТИКА НИЁЗ ДОРЕМ!

Тарбияи кадрҳои журналистӣ солҳои охир ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфтааст. Бо вуҷуди он, ки дар макотиби олии кишвар теъдоди гурӯҳҳо ва факултаҳои журналистика меафзояд, сатҳи омодакунии кадрҳо ҳанӯз ҳам нигаронкунанда арзёбӣ мешавад. Дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик, ки 11-уми март таҷлил мешавад, суҳбате доштем бо яке аз устодони собиқадори факултаи журналистикаи ДМТ, профессор Аъзамҷон Азимов.



Овози баланди миллат

- Аъзамҷон Холматович, нигоҳи шумо ба вазъи кунунии матбуоти тоҷик чӣ гуна аст?

- Нигоҳи банда ба матбуоти имрӯзаи тоҷик мусбат аст. Ҳеҷ вақт манфӣ шуда наметавонад. Ин аз як тараф, аз тарафи дигар, имрӯз матбуоте дорем, ки аз матбуоти даврии шӯравӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Матбуоти даврии шӯравӣ аз боло то поён коммунистӣ ва тарғибкунандаи идеологияи ҳамзамон буд. Имрӯз ҷомеаи мо демократӣ аст ва матбуот вобаста ба ҳамин авзо таъсис ва инкишоф меёбад. Имрӯз дар Тоҷикистон ҳамаи шаклу намуди матбуот ба табъ мерасад. Ҳам давлатӣ - расмӣ, ҳам хусусӣ - тиҷоратӣ ва ҳам ҷамъиятӣ. Илова бар ин, аксари нашрияҳои кишвар дар фазои интернет сомона ва дар шабакаҳои ичтимоӣ саҳифа доранд. Яъне ба ҳар шева фазои иттилоотии Тоҷикистонро пур мекунанд. Ба андешаи ман, матбуоти имрӯзаи тоҷик чун матбуоти начандон дури замони гузашта забон ва овози баланди миллати ман аст. Дар ҳамин моваро як сухани хело волои устод Айнӣ ба хотирам мерасад, ки навишта буд: «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад. Яъне, қавми бе рӯзнома мисли одами безабон аст». Банда низ дар маслаки андешаҳои устод Айнӣ ҳастам.

- Устод, шахсан шумо кадом нашрияҳои давриро мутолиа мекунед ва нигоҳатон ба онҳо чист?

- Имрӯз матбуоти гуногунсоҳа бисёр ба табъ мерасад. Табиист, ки ҳамаи онҳо дар як сатҳ нестанд. Бо вуҷуди ин, банда то ҳадди имкон матбуоти давриро мутолиа мекунам, чунки касби мо ҳаминро тақозо мекунад.

Журналист бояд дар сиёсат ҷӯшад!

- Шумо солиёни зиёдест, ки устоди факултети журналистика ҳастед. Шогирдони зиёдеро тарбия намудед. Аммо имрӯз кадрҳое, ки талаботи идораҳои ВАО-ро қонеъ кунанд, хеле каманд. Чаро?

- Имсол 40 соли пур мешавад, ки дар факултети журналистика (10 сол дар гурӯҳ, баъд шуъбаи журналистикаи факултети филология) ба донишҷӯёни журналистшаванда аз фанҳои гуногун дарс мегӯям. Тавре мебинем, рӯз аз рӯз воситаҳои ахбори омма, минҷумла рӯзномаву маҷалла, телевизион ва радиоҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ зиёд мешаванд. Аз ин ҷо, талабот ба кадрҳои журналистӣ рӯз аз рӯз, сол ба сол меафзояд. Ин тақозои вақт ва замон аст. Имрӯзҳо дар шуъбаи рӯзона ва ғоибонаи факултет зиёда аз 650 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд... Рости гап, ҳамаи онҳо хаёли журналист шудан надоранд. Агар аз ҳар гурӯҳ 4-5 нафар журналисти навишта метавонистагӣ ва суханвар барояд, мо шод мешавем. Тарафи дигари масъала - ин қабул ба ихтисосҳои факултети журналистика аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки довталабҳои воқеӣ хеле ангуштшуморанд ва ба ихтисосҳои гуногуни факултет хеле довталабон кам ҳуҷҷат месупоранд. Барои пур кардани гурӯҳҳо аз ихтисосҳои гуногуни гуманитарӣ (кластер) ба факултети мо интиқол меёбанд, ки журналист шуданӣ нестанд ва дар охири курси якум ё дуюм ба дигар факултетҳо интиқол мегиранд. Яъне журналистшавандаҳо аз рӯйи шавқу завқ, қобилият, хоҳиши эҷод хеле кам меоянд. Аз дигар тараф, роҳбарони ВАО-и давлатӣ ва ғайридавлатӣ имрӯз журналистони тайёр мехоҳанд. Хоҳему нахоҳем, чунин ҷавонон ангуштшуморанд. Хусусан дар бахши телевизион ва радио, ки фаъолияти онҳо дар ВАО сахт ба технологияи замонавӣ, ҳунар, нутқи шифоҳӣ ва ғайра алоқаманд аст. Дигар талабот ба журналист дониши сиёсӣ мебошад. Журналистика - ин худ сиёсат аст. Пас, ҳар як журналист бояд дар сиёсат ҷӯшида бошад ва он гоҳ журналисти хуб ба воя мерасад. Вале ҷавононе, ки дониши сиёсӣ дошта бошанд, ангуштшуморанд.

- Нигоҳи шумо ба вазъи таълим дар факултети журналистика чӣ гуна аст?

- Бовар кунед, вазъи таълим аслан бад нест, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки камбудӣ низ ҷой дорад. Устодон қариб ҳар рӯз дар дохили аудитория ҳастанд, донишҷӯён низ. Дар факултет зиёда аз даҳ доктори илм, профессор, номзадҳои илми зиёде дарс мегӯянд. Студияи телевизиони таълимӣ, радиои таълимӣ дар факултети мо фаъолият мекунад. Дар ин росто, замимаи нашрияи «Ба қуллаҳои дониш» - «Қалам» дар факултети мо тайёр мешавад. Яъне, шароит хуб аст. Ба андешаи банда, педагоги хуб будан дар факултаи журналистика ҳанӯз кифоя нест, донишҳои замонавии журналистӣ, эҷоди журналистӣ, донишҳои сиёсӣ, фарҳанги баланди журналистӣ, муошират касбӣ шарту зарур аст.

- Имрӯз чӣ шуморо водор мекунад, ки вориди аудитория шавед ва ба рӯзноманигорони оянда дарс гӯед?

- Аслан касби муаллимӣ барои ман меросӣ аст. Падарам муаллим буданд ва имрӯз яке аз мактабҳои калони шаҳри Исфара дар деҳаи Ворух ба номи эшон аст. Аҳли оилаамон ва фарзандони ман низ ҳамин касбро интихоб кардаанд. Таҳсил дар донишгоҳ ва омӯзиш аз устодони варзида дар факултет дили маро боз ба муаллим шудан гарм кард. Имрӯз ба аудитория бо дили пур назди донишҷӯён медароям ва руҳу равони устодонамро шод мегардонам. Ҳар чизе бо мурури вақт омӯхтам, кӯшиш мекунам ба донишҷӯён онро омӯзонам. Ба роҳи рост ҳидоят кунам, ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро талқин кунам.

Зарурати таъсиси Институти журналистика

- Имсол дар чанд муассисаи олӣ, аз ҷумла Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ихтисосҳои журналистика боз шуданд. Зарурияти таъсиси ихтисосҳои журналистикаро дар ин ду муассисаи олӣ дар чӣ мебинед?

- Пеш аз он ки шуъба, гурӯҳ ва ё ихтисоси журналистӣ дар ин ё он донишгоҳ ё донишкада боз мешавад, бояд дид, ки оё база дорад ё не? Ба онҳо кӣ дарс мегӯяд? Чӣ ихтисос дорад? Куҷоро хатм кардааст? Чанд нафар номзад ва доктори илм дорад? Лаборатория, студияҳо, кабинетҳои фаннӣ, таҷҳизоти техникӣ ва ғайраҳо мавҷуд аст ё не? Бо дарназардошти инҳо, ба андешаи ман, зарурати боз кардани ихтисоси журналистика дар ҳама ҷо нест! Дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис додани як донишкадаи журналистика талаботи вақту замон аст. Бубинед, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар шаҳри Тошканд Институти журналистика ва коммуникатсия фаъолият мекунад ва дар ягон донишгоху донишкадаи шаҳру вилояти он факултет ё шуъбаи журналистика нест. Агар донишкада таъсис дода натавонем, пас биёед ҳамаи ин шохаҳои журналистикаро дар мактабҳои олӣ бандему ду факултети бакуввat, яке дар ДМТ ва дигаре бо забони русӣ дар Донишгоҳи русию славянии Тоҷикистон нигоҳ дорем. Он гоҳ ҳам довталабони воқеӣ меоянд ва ҳам рақобат мешавад.

- Зиёд шудани гурӯҳҳо ва ихтисосҳо магар ба манфиати кор нест? Шояд рақобат зиёд мешаваду сифати таълим беҳ гардида, кадрҳои баландихтисос тарбия мешаванд...

- Аввал ин ки, ягон мактаби олии Тоҷикистон ба факултети мо рақобат карда наметавонад. Базае, ки мо дорем, дар ягон ҷо нест. Факултети мо 32-сола шуд. Ҳоло 5 кафедра дорем, 12 нафар доктори илм, 20 нафар номзади илм, 10 нафар муаллимони калону ассистентон, студияҳои муҷаҳҳазшуда, китобҳои зиёди дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, барномаҳои фаъоли таълимӣ, китобхонаҳои ихтисосӣ дорем. Ҳамаи унвонҷӯйҳо дар соҳаи журналистика аз назари устодони мо гузашта, дар шӯроҳои диссертатсионии мо рисолаи илмӣ дифоъ мекунанд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки зарурияти таъсиси як Институти журналистика дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пеш омадааст.

- Суҳбати мо дар арафаи Рӯзи матбуот сурат мегирад ва онро мехоҳам бо як суоли маъмул ҷамъбаст кунем. Нашрияҳои чопӣ оянда доранд?

- Ин суолест, ки пас аз ихтирои радио пайдо шудааст ва бо таъсиси телевизион ва интернет актуалӣ шуд. Вале бовар кунед, матбуот ҳеҷ гоҳ намемирад. Албатта, формати он бо тақозои замон тағйир меёбад, вале аз байн намеравад. Таҷрибаи Амрико, Олмон, Британия, Ҷопон, Чин, Фаронса ва дигар кишварҳое, ки дар соҳаи интернет ва технологияҳои нав ба дастовардҳои бемисл ноил шудаанд, нишон медиҳад, ки нашрияҳои чопӣ ҳамавақт манбаи муҳим ва боэътимоди ахбор боқӣ мемонанд.

Мусоҳиб:
О. НОЗИР

P.S.

8-уми март яке аз муҳаққиқони шинохтаи таърихи матбуоти тоҷик, номзади илми таърих, доктори илми филология, профессор Аъзамҷон Холматович Азимов 65-сола мешаванд. Мо устодро ба ин санаи фархундаи умр табрик гуфта, барояшон саломатӣ ва дар фаъолияти илмиву эҷодиашон комёбӣ мехоҳем.

▸▸ *Ҷашнвора*

НАВРӮЗ ДАР РАМАЗОН ЧӢ ТАВР ТАҶЛИЛ МЕШАВАД?



Таҷлили ҷашни Наврӯз имсол ба моҳи шарифи Рамазон рост омад, бинобар ин, вақти баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ дар шаҳри Душанбе тағйир ёфт.

Аз МИҲД-и шаҳри Душанбе ба PRESSA.TJ хабар медиҳанд, ки ҳамаи чорабиниҳои фарҳангӣ асосан шомгоҳон баргузор мешаванд.

“Ин тасмим ба хотири он гирифта шуд, ки шахсони рӯзадор тавонанд баъди ифтор аз чорабиниҳои ҷашнӣ баҳраманд шаванд”,- хабар доданд аз МИҲД-и шаҳри Душанбе.

Ёдовар мешавем, ки моҳи шарифи Рамазон имсол 11-уми март оғоз гардида, то 9-уми апрел давом мекунад. Таҷлили ҷашни Наврӯз, ки аз 19-уми март оғоз шуда, то 21-ум идома меёбад, ба рӯзҳое рост омад, ки аксари аҳолии кишвар аз хӯрдану нӯшидан худдорӣ мекунанд.

Ба иттилои манбаъ, рӯзҳои 19-20-уми март чорабиниҳои идона шомгоҳон дар тамоми боғҳои шаҳр баргузор мешаванд.

“Ошпазҳо таъомҳои миллии болаззат пухта, занон ба пухтани суманак дар дегҳои калон машғул мешаванд”,- хабар дод манбаъ.

Ба иттилои шаҳрдорӣ, баргузории чорабиниҳои идона дар боғҳои “Куруши Кабир” дар ноҳияи Шоҳмансур, ба номи Садриддин Айнӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, ба номи Фирдавсӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ ва Умари Хайём дар ноҳияи Сино ба нақша гирифта шудааст.

Чорабиниҳои асосӣ бахшида ба ҷашни Наврӯз дар сатҳи ҷумҳуриявӣ имсол рӯзи 21-уми март дар майдони “Истиқлол”-и пойтахт бо иштироки президенти Тоҷикистон баргузор мешаванд.

Дар ин рӯз, тибқи маълумоти шаҳрдорӣ, мувофиқи қарори раиси шаҳр Рустами Эмомалӣ раҳпаймоии “Корвони Наврӯз” доир гардида, барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ва сайругаштҳои идона ташкил карда мешаванд.

Рӯзи 22-юми март дар “Боғи Ирам” Кумитаи рушди сайёҳӣ бахшида ба расму оинҳои ҷашни Наврӯз чорабинӣ ташкил мекунад.

Ёдовар мешавем, ки Наврӯз иди қадимии тоҷикон аст, ки феълан мақоми байналмилалӣ гирифтааст. 23-юми феврали соли 2023 Маҷмаи Умумии СММ 21-уми мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон кард.



28-уми феврал Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо директори минтақавии ширкати «BYD»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Осиёи Марказӣ Иван Сао мулоқот намуданд.

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории тарафайн мавриди муҳокима қарор дода шуд. Вобаста ба самти фаъолияти ширкат амалӣ намудани ҳамкориро дар самти рушди мошинсозӣ дар шаҳри Душанбе манфиати ҳарду ҷониб арзёбӣ намуданд.

▸▸ *Мушкилот*

КОРИ “РАХШ ТАКСӢ” КАЙ БА ТАНЗИМ МЕДАРОЯД?

Субҳи 5-уми март савори “Рахш таксӣ” (рақами давлатиаш 0996тт05) аз Зарафшон ба бемористони шаҳрии “Медгородок” рафтем. Мо ин масирро шояд моҳе як-ду маротиба бо ҳар таксӣ тай мекунем, чун зарурат дорем. Ва алакай медонем, ки то дари беморхона аз Зарафшон ҳеч вақт аз 28 сомонӣ зиёд намешавад. Баъзан 27 ҳам медиҳем. Боре, ки шояд зиёд дар роҳҳо истод, чун роҳбандӣ буд, 29 сомонӣ шуда буд.



Имрӯз дари бемористон нарафтем, балки мошинро наздиктар дар сари роҳ қарор додем ва роҳро пиёда идома додем. Вақте ҳақи хидматро аз ронанда пурсидам, 30 сомонӣ гуфт. Гуфтам, хуб, таксометратро нишон деҳ, бинем, чанд кор кардааст. Гуфт, ки ман таксометр гирон накардам. Гуфтам чаро? Гуфт ҳамин хел. Гуфтам ту-ку ронандаи “Рахш-такси” ҳастӣ ва бояд тибқи ҳисоби таксометр пул гирӣ. Аввал гуфт, ки ман ба ягон ширкат алоқа надорам. Гуфтам, охир дар мошини ту муҳру сурату эмблемаи “Рахш таксӣ” зада шудааст. Баъдан гуфт телфонам “счёт” надошт.

Ман ҳам дигар паст наомадам ва гуфтам, модоме ту таваккалӣ нарх мегузорӣ, ман ҳам таваккалӣ ба ту ҳамин 23 сомонӣ медиҳам.

Дигар шуруъ кард ба танзимгари “Рахш таксӣ” занг задан. Аз он сӯ духтаре мегуфт, ки “ака, мебахшен, ҳақи хизмат ин ҷо 31 сомонӣ шудагӣ”.

Ёбу гир! Мане, ки борҳо равуо дар ин масир доштам, медонам дақиқан чанд мешавад. Вале ин ронанда аввал 30 мегӯяд ва диспетчераш 31.

Гап сари 28, 30, 31 шояд набошад. Пули зиёде ҳам нест. Аммо гап сари низому эҳтиром меравад, ки билохира ширкатҳои таксиронии пойтахт бояд риоя кунанд.

Душанбе биёбоне нест, ки ин таксиронҳо чӯпон бошанду сарваронашон сарчӯпон, ин пойтахти як кишвари соҳибистиқлол аст. Фарҳанги шаҳрнишинӣ тақозо мекунад, ки мурда-мурда ҳам бошад, тибқи низоми муайяншуда зиндагӣ кунӣ.

Таксӣ бояд ҳатман таксометр дошта бошад ва бигзор ин масири тайшуда на 28, балки 58 сомонӣ шавад, вале дақиқ бошад.

Ман ҳақ доштам аслан чизе напардозам, чун далеле ба қарздории ман нест, вале инсофан аввал 23 гуфтам ва баъдан чун дидам баҳс зиёд мешаваду маро бемор мунтазир, 28 сомонӣ додам, ронанда бошад, боз ҳам "валинеъматӣ" кард ва як сомониро баргардонд. Яъне 27 сомонӣ гирифт.

Ва акнун ба ин суол кӣ посух медиҳад: Масири тайкардаи мо 30 сомонӣ буд ё 31 ё 27?

Мехостам масъулини ин ширкат ҷавонмардона ба ин суолҳо посух диҳанд. Билохира, кай онҳо фарҳанги хидматрасонӣ дар пойтахтро меомӯзанду ба ронандагонашон низ меомӯзонанд?

Ба гуфти мардум, "мурдаи кампир гапе нест, аммо аҷал омӯхта мешавад". Ин 2-3 ё 4-5 сомонии мо гапе нест, аммо ин таксиронҳо сер намешаванд.

Бобоҷони ШАФЕЪ,
рӯзноманигор



Чемпионати ҷаҳон оид ба ҷудо миёни ҷавонону наврасон дар Душанбе баргузор хоҳад шуд.

Дар ин бора дар шаҳри Тошканд президенти Федератсияи ҷудои Тоҷикистон Исмоил Маҳмадзоир бо намояндагони Федератсияи байналмилалии ҷудо созишнома имзо кардааст. Ин мусобиқа қарор аст моҳи октябр баргузор шавад. Ин дуюмин мусобиқаи сатҳи ҷаҳонии ҷудо хоҳад буд, ки дар пойтахти Тоҷикистон баргузор мегардад. Аз ҷумла нахустин "Dushanbe Grand Slam 2024" рӯзҳои 3-5-уми май баргузор мешавад.



29-уми феврал дар «Кохи Парфенон» даври шаҳрии озмуни «Кадбонуи бехтарин» ҷамъбаст шуд.

Дар он ҷойи аввалро ноҳияи Сино, ҷойи дуюмро ноҳияи Фирдавсӣ ва ҷойи сеюмро ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Шоҳмансур ишғол намуда, бо диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд. Озмуни мазкур бо ташаббуси шаҳрдории Душанбе бахшида ба Рӯзи модар эълон шуда буд.

Гӯшаи нави **“ПОЙТАХТ”** дар ҳафтаномаи **“ТОҶИКИСТОН”** фарогири дастовардҳои шаҳри Душанбе, инъикоси камбудиҳо ба хотири рафъ намудан, назари масъулин ва минбари сокинони пойтахт аст. Агар шумо шоҳиди камбудие дар Душанбе шудед, ба мо нависед. • **E-MAIL:** tojikiston@pressa.tj • PRESSA.TJ • **ТЕЛ:** 915-05-50-07

ЧАКАНПӮШОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Ё талоши як бонуи тоҷик дар Чирчиқ

Орзугул Абдураҳмонова аз занҳои сарсупурдаи миллати тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд кору зиндагӣ мекунад. Ӯ дар баробари мудири мактаби рақами 25-и шаҳр будан, роҳбарии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон - "Суғдиёна"-ро низ бар уҳда дорад.



Ташвишу тараддудҳои Орзугул ҳар сол баробари наздик шудани иди Бонувон ва Наврӯзи Аҷам беш аз пеш меафзояд. Чанд лаҳза пеш бо вай суҳбат кардам ва бо рӯзи милодаш, инчунин фарорасии идҳои баҳорӣ табрикаш намудам. Хурсанду хушҳол шуд.

- Наврӯз барои ман на як санаи расмӣ, балки ҷашни миллии тоҷикон аст, ки бояд ҳамеша дар доираи васеъ ва бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил гардад. Мисли ҳар сол онро бо иди бонувон якҷоя дар кохи "Наврӯз"-и шаҳрамон таҷлил мекунем. Ҳатман ба ин чорабинии мо биёед,- гуфт Орзугул Абдураҳмонова.

Орзугул мегӯяд, ки маҳз роҳандозии чорабиниҳои фарҳангӣ дар ҳифз ва рушди забони модарӣ, идома ёфтани анъанаҳо, расму оин ва суннатҳои миллии тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард.

Баъди 15-уми март дар Ӯзбекистон тантанаҳои наврӯзӣ оғоз мешаванд. Ин чорабиниҳо бе иштироки Орзугул ва гурӯҳи духтарони чаканпӯшаш намегузаранд. Вай як тарафи идгоҳро бо ҷамоли духтарон ва либосҳои рангоранги миллии тоҷикӣ зебу зиннат мебахшад.

Бобои Мирзораҳим Абдураҳмонов - падари Орзугул аз одамони маъруфи ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд маҳсуб меёбад. Вай бо ҳамсараш Банотгул соҳиби 12 фарзанд шудаанд, ки бо амри тақдир даҳ нафари онҳоро ба воя расонидаанд. Падар бо духтарбузургаш мефахрад. Мегӯяд, ки дар байни духтаронаш Орзугул аз хурдӣ ба илму фарҳанг дил баста буд. Вақте ба хондан меравад, падар мегӯяд: "Тавонӣ, раву хон, ман аз қафои ту рафта пул сарф намекунам". Ӯ бо азму иродаи хеш ба Донишкадаи омӯзгорӣ дохил шуда, онро хатм мекунад.

- Даҳ сол пеш дар шаҳри Чирчиқ синфҳои тоҷикӣ кушода будам. Аммо ба сабабҳои мухталиф ин синфҳо яке аз паси дигаре аз байн рафтанд. Ҳоло вазъият дигар шудааст ва бояд дар мактабе, ки директор ҳастам, ҳадди ақал як синфи тоҷикӣ боз кунам. Вале дар ин самт падару модарони кӯдакон бояд мусоидат намоянд,- мегӯяд раиси Маркази тоҷикони шаҳри Чирчиқ.



Ҳолномаи ӯ ачиб аст. Соли 1957 дар вилояти Чимкенти Қазоқистон, ки он замон имрӯза ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд шомили он буд, таваллуд шудааст. Мактаби миёнаи ба номи Садриддин Айниро хатм карда, баъди таҳсил дар Донишкадаи омӯзгорӣ фаъолияти меҳнатиашро дар шаҳри Чирчиқ шуруъ кардааст.

- Соли 2005 маро тоҷикони шаҳри Чирчиқ раиси Маркази тоҷикони "Суғдиёна" интихоб карданд. Баъди як сол директори мактаб таъйин шудам,- мегӯяд Орзугул Абдураҳмонова.

Давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон меҳнатҳои пурсамари ӯро бо медали "Шуҳрат", нишонҳои сарисинагии "Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон", "25-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон", "30-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ва "Дӯстии халқҳо" қадрдонӣ кардаанд.

Орзугул Абдураҳмонова депутат низ ҳаст. Вайро аз ҳизби "Эҳёи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ба Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Чирчиқи вилояти Тошканд вакил интихоб кардаанд. Шавҳараш Рафиқҷон Муйдинов полковники мустафъии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ҳарду як духтар доранд. Наргиза донишҷӯи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Чирчиқ аст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
шаҳри Тошканд

МАВЛУДНОМА

• 7 МАРТ •

Мирзо Довуд Ғусейнов (1894-1938), 130-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ, (солҳои 1929-1933 Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон).

Василий Кузин (1904-1978), 120-солагии зодрӯзи кинооператор ва кинорежиссёр, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

• 8 МАРТ •

Барно Аҳмадова (1924), 100-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Абдулвайси Азиз (1939), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

Виталий Буриченко (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

Раҳмондӯсти Қурбониён (1944), 80-солагии зодрӯзи киноактёр, ширинкор, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ.

Ҳамроҳ Тоҳирова (1924-2021), 100-солагии зодрӯзи бофанда, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 9 МАРТ •

Ёрмаҳмад Аралов (1954), 170-солагии зодрӯзи кинорежиссёр ва кинооператор.

Темур Атахонов (1934), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Абдувалӣ Бердиалиев (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Ҳасани Собир (1954), 70-солагии зодрӯзи мутриб (ғижжакнавоз).

Сайфулло Шукуров (1929), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 10 МАРТ •

Рафоат Абдусаломова (1939), 85-солагии зодрӯзи аввалин наттоқзани телевизион, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Муҳсин Аминзода (1954), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Қирғизбегим Ғарибшоева (1924-2003), 100-солагии зодрӯзи арбобзани фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Миралӣ Маҳмадалиев (1914- 2002), 110-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Шодон Ҳаниф (1934-2008), 90-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон.

Саидмурод Ҳоҷиев (1939), 85-солагии зодрӯзи забоншинос, профессор.

• 11 МАРТ •

Маҳфии Рӯмонӣ (1899-1923), 125-солагии зодрӯзи шоира.

Сороҷон Сабзаалиева (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

• 12 МАРТ •

Саидаҳмади Қурбон (1949), 75-солагии зодрӯзи ровӣ, мутарҷим.

Леонид Морочник (1934), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

Темурхон Отаев (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

• 13 МАРТ •

Қодир Тешаев (1964), 60-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Давлат Худоназаров (1944), 80-солагии зодрӯзи кинорежиссёр ва кинооператор, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Корманди шоистаи маданияти ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,
Ҳ. АМРИДДИН,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта дӯстони содиқ кумаки худро дареғ намедоранд, аз дастгирии онҳо рӯ нагардонед. Нафарони муҷаррад имкони ба эътидол овардани ҳаёти шахсии худро доранд. Руҳафтодагӣ ба вазъи саломатиятон бетаъсир наметонад.



Савр
21.04 - 21.05

Нафароне, ки фарзанд доранд, тамоми ҳафта бо мушкили фарзандон машғул мешаванд. Ҳаёти шахсиятон каме ташвишҳоро пеш меорад. Асаби худро эҳтиёт кунеду ба ҳар ҳодисае, ки сар мезанад, оромона назар намоед. Дар ҷодаи муҳаббат самимиятро эҳсос намекунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта сафару робитаҳо зиёд мешаванд. Барои он ки сафи душманонатон наафзояд, қабл аз он ки суханеро ба забон меоред, хуб андеша намоед. Сирру асрори худро аз нафарони бегона пинҳон доред. Ғизои солим ва ҳавои тоза қувваатонро барқарор месозад.



Саратон
22.06 - 23.07

Воқеаву ҳодисаҳое, ки дар ин ҳафта рух медиҳанд, нигоҳи шуморо ба зиндагӣ дигаргун месозанд. Барои ғалату камбудиҳои ба саратон омада тамоми дунёро гунаҳкор насозед. Андеша намоед, ки то кадом андоза амалҳои шумо дуруст буданд.



Асад
23.07 - 22.08

Қабл аз он ки кореро ба анҷом расонед, ба шитобкорӣ роҳ надиҳед. Аз нафарони ношинос пешниҳодҳои кориро қабул накунед. Ҳурмату эҳтиром, ки нисбати нафаре доштед, ба муҳаббати асил мубаддал мегардад. Тамоми ҳафтаро дар интизории маблағи пулӣ мегузаронед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта ягон ҳодисаи манфӣ рух намедиҳад. Неруятон зиёд гашта, корҳои бештареро ба анҷом мерасонед. Имкони болоравӣ дар касбу кор ва васеъ гаштани уҳдадориҳоятон пайдо мегардад. Дар муносибатҳои ошиқонатон дилсардӣ эҳсос карда мешавад.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта бо нафароне шинос мешавед, ки ба зиндагиятон тағйироти куллиро ворид месозанд. Табъи хуш ва самимияти шумо ба атрофиён писанд меояд. Ҳамсафарони дилкаш сафарҳои роҳи дурро гуворо месозанд. Саломатиятон ташвиш намедиҳад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Монеаҳои ногаҳонӣ имкон намедиҳанд, ки нақшаҳоятонро амалӣ созед. Ҳолатҳое мешавад, ки ноумедӣ ба дилатон роҳ меёбад. Худро ба даст гирифта, ин давраи душворро паси сар намоед. Эътимодро ба худ гум накунед ва зиндагиятон ба мачрои худ медарояд.



Қавс
25.11 - 21.12

Шуморо санҷишҳои зиёде интизоранд. Эътимод ба худ ва дилпурона амал кардан ба шиносҳои наватон таъсири дучанд мерасонад. Бештар гӯш кунеду кам гап занед. Дар ҷодаи муҳаббат ба шарте муваффақ мегардед, ки самимиятро аз даст надиҳед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҳар мушкиле, ки дар ин ҳафта сар мезанад, дарҳол аз пайи рафъ сохтанаш шавед. Кори имрӯзаро ба фардо нагузоред. Вақте расидааст, ки ҷасуртар амал намоед. Аз бахсу мунозира дар мавзуҳои манфӣ худдорӣ намоед, зеро дар ин рӯзҳо шуморо ба ғазаб овардан хеле осон аст.



Далв
21.01 - 19.02

Дар муносибатҳои ошиқонаатон мушкилиҳо сар мезананд. Нисбати саломатӣ фориғболӣ накунед, ҳатман аз пайи табобат шавед. Вақти бештари худро ба ҳалли мушкилоти оилавӣ равона созед. Даромади иловагӣ ба даст меоред, вале рӯзи ҷумъа харочотатон калон мешавад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Диққати бештари худро ба наздикон равона созед, ғамхору меҳрубон бошед. Нафарони муҷаррад имкони пайдо намудани муҳаббати асилро ба даст меоранд. Дар масъалаҳои молиявӣ ҳушёриро аз даст надиҳед, дар акси ҳол фиреб хӯрданатон имконпазир аст.



БМТ: ФАЪОЛИЯТИ СОЛОНАИ НИЗОМИ СУҒУРТА ҶАМЪБАСТ ШУД

1-уми марти соли 2024 дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин Салом ҷаласаи ҷамъбастии вазъи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 баргузор гардид.



Дар кори ҷаласа масъулини воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Нахуст, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ зикр намуд, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк унсури асосии иҷтимою иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқ муҳим арзёбӣ мегардад. Суғурта барои амалишавии принсипи рӯйпӯшкунии зарарҳо равона шуда, ҳамзамон дар шароити муосир ҳамчун яке аз фишангҳои суботи молиявии кишварҳо ба ҳисоб меравад.

Қайд карда шуд, ки дар соли 2023 бо вуҷуди таъсири вазъи мураккаби ҷаҳон, аз ҷумла муноқишаҳои минтақавӣ, таҳримҳои сиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба иқтисоди миллӣ, рушди соҳаи суғуртаи кишвар таъмин гардид.

Аз ҷумла, дар соли ҳисоботӣ дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 18,1 фоиз, сармояи худӣ 18,7 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 11,3 фоиз, мукофотҳои суғуртавӣ 33,9 фоиз, сармоягузориҳо 6,8 фоиз ва пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 63,4 фоиз зиёд гардида, дар баробари ин, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 13,6 фоиз коҳиш ёфтанд.

Сироҷиддин Икромӣ таъкид намуд, ки Роҳбарияти Олии кишвар ба рушди низоми суғурта таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, барои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани он супоришҳои мушаххас додаанд.

Аз ҷумла, барои таъмини рушди соҳа таваҷҷуҳи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҷалб гардида, айни замон якчанд лоиҳаҳои кумаки техникӣ татбиқ гардиданд, ки масъалаҳои ҷорӣ намудани раванди муосири ҳисоботдиҳӣ ва таҳлилӣ, таҳияи Стратегияи рушди бозори суғурта ва баланд бардоштани дараҷаи касбии мутахассисони соҳаро дар бар мегиранд.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар, Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини рушди низоми суғурта бо истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои саривақтӣ ва самаранок андешида истодааст.

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” тағйиру иловаҳои дахлдор ворид намуд, ки он якуми марти соли 2024 аз ҷониби Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид.

“Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» барои такмили низоми ташкилотҳои суғуртавӣ, назорати фаъолияти иштирокдорони бозори суғурта ва танзими низоми иҷозатномадиҳӣ барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ равона гардидааст”,- таъкид намуд С. Икромӣ.

Сипас, сардори идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Дилбар Ҳусейнова бо пешниҳоди рӯнамои муфассал “Вазъи бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023” аҳли нишастро бо нишондиҳандаҳои асосии низоми суғурта шинос намуд.

Дар қисмати муҳокимаи ҷаласа масъалаҳои мубрами сифати дороиҳо, ҳаҷми сармоя, мукофоти суғуртавӣ, мақсадноки пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ ва дигар мушкилиҳои ҷойдошта мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа фаъолияти ҳар як ташкилоти суғуртавиро дар алоҳидагӣ муҳокима намуда, аз масъулини ташкилотҳои суғуртавӣ даъват ба амал оварда, ки фаъолияти худро тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба роҳ монанд ва дар масъалаи таъмини пардохтпазирӣ ва устуворӣ молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Ҳамзамон, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, таъмини шаффофияти амалиёт, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосиру инноватсионӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон, вусъат додани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мактабҳои олии кишвар чорабиниҳои зарурӣ амалӣ намоянд.

Дар охир аз ҷониби Сироҷиддин Икромӣ қайд гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ ба ҳалли ҳамагуна мушкилоти ҷойдоштаи ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар доираи ваколатҳои худ мусоидат намуда, бо амалигардонии мониторинги доимии фаъолияти бозори суғурта ислоҳоти сохторию солимгардониро дар соли 2024 идома медиҳад.

Зимни ҷамъбасти ҷаласа аз масъулини бозори суғуртаи ҷумҳурӣ даъват ба амал оварда шуд, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории ҷорӣ ба роҳ монда, барои баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар саҳми назарраси худро гузоранд.

ШӮРОИ ИҶРОИЯИ ХБА БАРНОМАИ ФИШАНГИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ СИЁСАТ (PCI)-РО БАРОИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ НАМУД

Дар робита ба дархости Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳкими сиёсати иқтисодӣ ва дастгирии татбиқи ислоҳоти сохтории ҳаётан муҳим 28-уми феврали соли 2024 Шӯрои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) Барномаи фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (Policy Consultation Instrumen-PCI)-ро ба муҳлати 22 моҳ барои Тоҷикистон тасдиқ намуд.

Барномаи PCI ба нигоҳдории устуворii макроиқтисодӣ, таҳкими асосҳои сиёсии мақомоти кишвар ва дастгирии талошҳои онҳо дар самти таъмини рушди нисбатан устувору фарогир равона гардида, бозбинии он тибқи ҷадвали муқарраршуда ҳар нимсола анҷом дода мешавад.

Мавриди ба зикр аст, ки ҳадафи барнома беҳтар намудани устуворii буҷет бо мақсади зиёд кардани имкониятҳои харочоти афзалиятноки иҷтимоӣ ва рушд бо нигоҳ доштани раванди коҳиши қарзи давлатӣ мебошад.

Ислоҳоти фискалӣ ҷамъоварии даромадҳо ва самаранокии харочотҳоро дар доираи барнома беҳтар намудаву ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазирро тақвият бахшада, ба гузариши тадричӣ ба ҳадафгирии таваррум мусоидат менамояд.

Зиёд намудани имкониятҳои рушди дарозмуддати Тоҷикистон, такмили идоракунии Бонки марказӣ, пурзӯр кардани назорат ва идоракунии хавфҳои фискалии марбут ба корхонаҳои давлатӣ, механизмҳои самаранокии МҚД/МТ/МПСҚО ва мубориза бо коррупсия, зиёд намудани шаффофияти бахши истихроҷ, фарогирии молиявӣ ва устуворӣ ба хавфҳои иқлимӣ аз афзалиятҳое мебошанд, ки дар барномаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

ЗАН ЧӢ ГУНА ОФАРИДА ШУД?

Зан мавзӯи ҷолиби баҳси адибон, олимон, файласуфон, нависандагон, донишмандон, ҳакимон ва сарварони ҳама давру замон баъд аз офариниш то ба имрӯз ва ҷовидона аст.



Ақибтарин китоб

Лабиб, нависандаи маъруфи араб, дар китоби «Ҷамол, муҳаббат ва санъат» менависад: «Башарият дорои китоби шигарфест, ки онро ҳам подшоҳ ва ҳам роҳзан, ҳам ҳакиму файласуф ва ҳам кавдан мутолиа мекунад. Дар садҳо сафҳа таърихи авлоди башарият бо эҳсосу салобат, бо лутфу хушунат, бо маърифату ҷаҳолат, бо инқилоби адолату беадолатӣ нигориш ёфтааст.

Бо ҷамоли ҳастӣ аз партави ситораҳо ва ҳарорати хуршед ва гулҳои бӯстон ва нағмаи парандагон ва шукӯҳи омол ва таровати шохаҳо ва вазиши насим ва дурахши алмос ва ҷамоли абадият ва шаҳвати отифа сабт ёфта... Аз ин рӯ китоби шигарфест...

Авроқи ин китоб аз кӯраи оташ берун омада, дар сели оби ашк ғарқ шуда, аз аъсоби қалбҳо нусхабардорӣ гардида. Ҳуруфаш дар оташ рехта шуда ва қабл аз садҳо сол нашр гардида ва ба тамоми забонҳо ва гӯишҳо маъруф асту ҳазорҳо бор ба табъ расида, бо ислоҳу иловаҳо ва дар ҳазорҳо ҷилд шарҳ ёфтаву тарҷума шуда».

Офариниши зан

(Ривояти ҳиндӣ)

Дар асотири бостонӣ ривояте дар бораи чигунагии офариниши зан маҳфуз монд, ки он чӣ аз лиҳози балоғат ва чӣ аз ҷиҳати маонӣ аз тамоми он қиссаҳое, ки дар бораи зан ва табиати ӯ гуфта шудааст, волост ва дар мақоми баланд буда, посухгӯи ҳамаи пурсишҳои шумост.

Дар устура омада: «Офаридгор дар ибтидо олам, осмонҳо, замин ва тамоми мавҷудоти онро офарид, сипас мардро халқ фармуд. Ҳангоме ки хост занро биофарад, тааммул кард.

Сипас, аз моҳ сурат ва зебоиро, аз офтоб ишроқ ва тулӯашро, аз ситораҳо фурӯзонию чашмакзаниро, аз абрҳо ашкро, аз гулҳо рангро, аз шохаҳо алвонҷу тамоилро, аз ҳашиш ларзишро, аз насим лутфу навозишро, аз варақ сабукиро, аз наботот раъшаву ларзишро, аз амвоҷ мадду ҷазрро, аз оташ ҳароратро, аз оҳу чашмонро, аз кабӯтар садояшро, аз саг вафояшро, аз асал лаззатро, аз алмос салобатро, аз паланг хашму қувватро, аз тилло дурахшро, аз гунҷишк пургӯиро, аз булбул нағмасароиро, аз ғизол наззораро, аз хазандагон хазиданро, аз мор ҳикматро, аз саъба ҳазёнро, аз шабнам рутубатро, аз бунафша бӯяшро, аз баҳор лабхандро баргирифт. Ин ҳамаро даромехта, занро офарид ва пешкаши мард кард...

Баъди ҳашт рӯз мард ба назди Офаридгор омад ва гуфт:

- Худоё, он махлуқе, ки ба ман армуғон кардӣ, ҳаётамро ба азоб, хушбахтиамро ба бадбахтӣ, шодиамро ба ғам, умедамро ба яъс кашид... Ӯ ниҳоят пургӯй аст ва забонаш оромӣ надорад. Бе ҳеҷ сабаб гиря мекунад. Талаботаш ҳад надорад. Аз ҳар чӣ шикоят мекунад ва аз ҳама чӣ алам мекашад. Ва ба ғамхории доим муҳтоҷ аст...

Аз ин рӯ, омадам, ки ӯро ба ту баргардонам ва наметавонам, ки бо ӯ зиндагӣ кунам. Ӯро бигир ва маро аз ӯ раҳо бубахш...

Офаридгор тааммул намуд ва гуфт: Хайр...

Пас аз як ҳафта мард назди Офаридгор омад ва гуфт:

- Худоё, аз даме ки ман махлуқи ҳадякардаатро баргардондам, ҳаётамро беранг ёфтам. Ҳоло ба ёд меорам, ки чӣ сон чун ғизоли зебо дар наздам мерақсид ва чӣ гуна бароям бо садои чун булбул месуруд. Чӣ тавр бо ман бозӣ мекарду ба ман фараҳ меовард...

Маро ёд меояд, ки чӣ зайл ба ман лабханд мезаду нишотам мебахшид, қаҳқаҳ мезаду ғамхорам буд... Чӣ тавр дастонашро ба гарданам ҳалқа мекарду худро ба оғӯшам меафганд. Чӣ гуна дарду аламамро сабук месохт. Лаззати ҳаёт ва умеду орзуям буд.

Худоё, ӯро ба ман баргардон...

Офаридгор занро ба мард баргардонд.

Баъди се рӯз мард назди Офаридгор бо шикваву гиря омад ва гуфт:

- Худоё, ман ин махлуқатро ҳеҷ намефаҳмам. Гӯё асрори пӯшидаест, ки гушоишаш ғайриимкон аст. Ниҳоят ба хулосае омадам, ки ӯро ба ту баргардонам. Зеро ӯ шабеҳи шаробест, ки зиёнаш аз судаш фузун аст...

Офаридгор ба ӯ гуфт:

- Ба худ ой, эй мард ва дар амрат тадбир бичӯй!

Мард гуфт:

- Худоё, ҳеҷ имконе вуҷуд надорад, ки бо ӯ зиндагӣ кунам.

Офаридгор посух дод:

- Ҳеҷ имконе надорӣ, ки бидуни ӯ зиндагӣ кунӣ ва ӯро тарк кард...

Мард бо яъсу алам фарёд кашид:

- Аз фироқаш наметавонам сабр намоям... ва руҳам наметавонад бо ӯ бисозад...

... Ҳамин аст зан дар рӯзгори мард...

Интихоби зан

Нақл кунанд, ки дар аҳди Мустансир зане бо шавҳару писар ва бародараш баҳсу ҷанҷол карда, аз онҳо ба халиф шикоят бурд. Мустансир амр дод, то онҳоро дастгир кунанд ва ба қатл ҳукм кард.

Чун зан аз ин амр огоҳӣ ёфт, ба дари халифа омад ва баромадани ӯро интизор шуд. Гирёну нолон худро пеши пойҳояш афканд ва илтиҷо намуд, ки афв намояд ва ё амр диҳад, ки ӯро низ ҳамроҳи эшон ба қатл расонанд, зеро зиндагӣ бе онҳо маъное надорад.

Дили Мустансир ба ҳолаш сӯхт. Лаҳзае ба фикр фурӯ рафт. Сипас, сарашро бардошта, гуфт:

- Духтарам, шафоати туро ба якеаш пазируфтам. Аз онҳо якеро интихоб намо.

Зан ба ҳайрат афтод ва баъди андаке тааммул гуфт:

- Шавҳарро меёбам, писарро таваллуд мекунам, вале бародарро ёфта наметавонам. Ва бародарашро баргузид.

Интихоби зан ба Мустансир маъқул афтод ва ҳамаро афв кард.

Модар кист?

Модар узви бисёр муҳтарами хонавода аст. Модар ба таври табиӣ ва бидуни ҳеҷ интизорӣ фарзандашро дӯст медорад ва бо ниҳояти лаззат ва оромиш аз фарзанди худ муроқибат ва барои тарбияти ӯ талош мекунад. Модар дар даврони кӯдакӣ нақши аввали зиндагии фарзандашро ба уҳда дорад. Эҳсосоти модарона барои фарзанд саршор аз оромиш аст, ба тавре ки метавон гуфт, ки акси модар дар даврони бузургсолӣ рӯи фарзанд таъсири маънавӣ мегузорад. Ба ҳамин далел равоншиносон муътақиданд, ки нақши модар дар рушди кӯдак бисёр муҳим аст. Модар намоди дилсӯзӣ ва мехрубонӣ аст ва ҳар иштибоҳе, ки фарзандаш муртакиб мешавад, онро мебахшад.

Ишқи модарона ҳеҷ чойгузине надорад ва ҷаҳонӣ аст.

Зан кист?

Занро дар умум метавон ҳамчун як бону таъриф кард. Зан баъд аз он, ки шавҳараш аз кор бармегардад, аз шавҳари худ муроқибат мекунад. Зан ва шавҳар завҷе ҳастанд, ки пояҳои як зиндагиро ташкил медиҳанд ва барои рафъи ниёзҳои ҷинсӣ ва маънавии ҳамдигар талош мекунанд. Занон бар хилофи модарон, ки иштибоҳу хатоии фарзандони худро мебахшанд, дар сурате, ки шавҳарашон дучори иштибоҳ ва ё беҳурмат нисбат ба онҳо шавад, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд онро нодида бигиранд. Дар натиҷаи ихтилофи шадид ва надоштани тафоҳум ва ҳамдигарфаҳмӣ зан ва шавҳар метавонанд аз якдигар ҷудо шаванд.

Пушти ҳар марди муваффақ як зан вуҷуд дорад. Аз ин ҷост , ки оид ба ин мавзуъ дар байни мардуми тоҷик зарбулмасале роиҷ аст: Тоҷ бар сар мекунад, зан мекунад, хок бар сар мекунад, зан мекунад.

Мунаввари САФАР,
журналист

АЗ МАСАЛҲОИ МАРДУМИ ҶАҲОН ДАР ҲАҚИ ЗАН

Инглисӣ: *Агар мардҳо медонистанд, ки занҳо дар бораи эшон чӣ андеша доранд, ҷуръаташон сад марта зиёд мегардид.*

Украинӣ: *Шавҳар барои зан қонун аст.*

Ҳиндӣ: *Агар хоҳӣ, ки тиллоро бисанҷӣ, онро ҳак бизан, ё қувваи барзагворо бисанҷӣ, онро бардор ё хулқи мардро, ба ӯ гӯш бидеҳ, вале агар хоҳӣ, ки фикри занро бисанҷӣ..., ягон роҳе нест.*

Шотландӣ: *Шахсе, ки занашро таъна кард, ба шарафи хеш таъна зад.*

Фаронсавӣ: *Силоҳи зан забонаш аст.*

Ирландӣ: *Ҳар куҷо биравӣ, занатро ҳамроҳ бигир.*

Олмонӣ: *Чун мӯйсафед зани ҷавон гирад, шайтон механдад.*

Юнонӣ: *Зан барои мард бузургтарин баракат меорад ва калонтарин ҳалокат.*

Лотинӣ: *Хонаи касе ором аст, ки зан надорад.*

Испанӣ: *Зан ва шиша доим дар хатаранд.*

Ҳолландӣ: *Ҳар одам Ҳаввои худро меёбад.*

Чинӣ: *Мард метавонад занро аз тамоми мардҳо ҳимоя намояд, ғайри худаш.*

Русӣ: *Зан ҳафтоду ҳафт раъй дорад, дар як замон.*

Итолёвӣ: *Табассуми зани зебо - ашки ҳамён.*

Финландӣ: *Аспро аз хонаи давлатманд бихар ва занро аз хонаи камбағал бигир.*

Булғорӣ: *Хонае, ки дар он зан нест, хона нест.*

Шведӣ: *Дили зан аз чашмони даҳ мард бинотар аст.*

Даниягӣ: *Модар аз қалб ва дигарҳо аз даст ба тифл хӯрок медиҳанд.*

Литвонӣ: *Шавҳар сари зан асту зан калиди шавҳар.*

Гурҷӣ: *Силоҳи зан бесадост - ашкаш.*

Венгерӣ: *Ба модар нигар ва духтарро ба занӣ бигир.*

Чехӣ: *Агар хоҳӣ, ки молатро пинҳон намоӣ, таҳи забони зан магузор.*

Босниягӣ: *Соҳибхоназани ҳақиқӣ дар як лаҳза ҳам канизак асту ҳам бону.*

Сербӣ: *Гоҳо савоб аст ба зани оқила итоат намоӣ.*

Ҳолландӣ: *Ҳангоме ки зани хуб ба хона ворид мегардад, шодиву сурур аз тиреза медарояд.*

Эстонӣ: *Муҳаббати падар то лаҳад, аммо муҳаббати модар беинтиҳост.*



ДАВЛАТМАРД

Дар саҳфаи таърихи замони шӯравии халқи тоҷик шахсиятҳои маъруфу эҳтироми бузургро ноилшуда кам набуданд. Яке аз поягузорони давлати навини тоҷик, арбоби барҷастаи давлатӣ Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) маҳсуб меёбад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов 27-уми июни соли 2006 ба арбоби давлатӣ Нусратулло Махсум унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Нусратулло Махсум 1-уми июли соли 1881 дар деҳаи Чашмаи Қозии ноҳияи Ғарм, дар оилаи деҳқони камбизоат ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар мактаби хусусии деҳа фаро гирифтааст. Зеҳни тезу ақли расо, зиракиаш ба омӯзгорон писанд афтода, тайи се сол хату савод бароварда.

Аз хурдӣ ба падар ёрӣ мерасонд. Шароити сангини зиндагонӣ ӯро низ дар ҷавонӣ ба домани ғурбат партофт. Ҳамроҳи ҳамдиёронаш аз пайи дарёфти қути лоямуте ба шаҳрҳои саноатии Туркистон роҳ ёфтанд. Нахуст, дар Хуҷанд дар фабрикаи Рабинек ҳаммол шуд. Музди ночиз базӯр ба ғизо мерасид. Ба меҳнати тоқатфарсо тоб оварда. Дар Хуҷанд бо коргарони гуногунмиллат иртиботи зич пайдо намуда, забонҳои ӯзбекӣ ва русиро балад гашт. Нусратулло ба забони русӣ озодона ҳарф мезад ва ба забони ӯзбекӣ хеле хуб навишта метавонист. Бо ҳамин азобу кулфат, ӯ ҳашт сол бори заҳмати ҳаммолӣ кашид.

Нусратулло Махсум дар корпартоиву намоишҳои эътирозии коргарон дар шаҳри Хуҷанд, дар давраи инқилоби якуми рус (1905-1907) фаъолона ширкат дошт. Вай дар рафти ин воқеаҳо эҳсос намуд, ки синфи коргари рус ягона неруест, ки халқи тоҷикро аз зулму истибдод вораҳонда, ба ӯ истиқлолу озодӣ мебахшад.

Хоҳу нохоҳ воқеаву ҳодисаҳои мазкур дар рушду такомули тафаккури инқилобии ҷавонмарди тоҷик беасар намонд. Забондонӣ ва истеъдоди фитрии роҳбарӣ солҳои баъдӣ ба вай кор дод.

Пас аз Инқилоби Октябр ва сарнагун шудани ҳукумати амирӣ, Нусратулло Махсум соли 1921 дар радаи аввалин инқилобчиён дар таъсиси Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ мақом ёфт. Тӯли солҳои 1921-1923 ҳамчун намояндаи Кумитаи хӯрокворрии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро бобати таъмини қисмҳои Армияи Сурх дар ноҳияи Ғарм, баъд дар Душанбе бар зидди дастаҳои босмачиён мубориза беамон мебарад.

Соли 1920 Нусратулло Махсумро ба сафи Ҳизби коммунистон - ВКП (б) пазируфтанд. Ба ӯ коммунистони номдор, узви раёсати Комиссияи диктаторӣ Олимҷон Акчурин, Зариф Абдуллоев ва дигарон тавсиянома доданд.

Давлатмард дар мушкилтарин солҳои 1921-1924 дар вазифаҳои пурмасъулият - бо хӯрока таъмин намудани Армияи Сурх, раиси Кумитаи инқилобии вилояти Ғарм, раиси Кумитаи фавқулодаи диктатории Бухорои Шарқӣ, раиси Кумитаи Иҷроияи Бухорои Шарқӣ, пас аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон - раиси Кумитаи инқилобии ҷумҳуриявӣ ифои вазифа намуд.

13-уми июли соли 1926 таҳти раёсати Нусратулло Махсум Комиссияи марказии тадорукот нисбати созмон ва даъват намудани Анҷумани I умумитоҷикии Муассисони шӯроҳо созмон ёфт. Якуми декабри соли 1926 Анҷумани I умумитоҷикии Муассисони шӯроҳои намояндагони коргарон, деҳқонон ва аскарони сурх - мақомоти олии давлатии худ - КИМ ҶМШС Тоҷикистонро созмон доданд ва дар ин анҷуман Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) раис интихоб шуд.

Дар ҷаласаи мазкур муовини раиси Кумитаи инқилобӣ, узви Шӯрои ҳарбии инқилобии корпуси тирандозии 13-ум Б. В. Толпиго, аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Ба мо, рафиқон, лозим аст, ки раиси Кумитаи Иҷроияи Марказӣ - кадхудои ҳамаи тоҷиконро интихоб намоем. Раиси КИМ ва саркори ҳамаи тоҷикон бояд рафиқе интихоб карда шавад, ки ӯ Тоҷикистонро ва Тоҷикистон ӯро бидонад, табақаҳои васеи аҳолӣ бидуни шак ба ӯ бовар ва эҳтиром дошта бошанд. Ман хато намекунам, агар бигӯям, ки чунин инсон Нусратулло Махсум буда метавонад»...

ПАС АЗ ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР ВА САРНАГУН ШУДАНИ ҲУКУМАТИ АМИРӢ, НУСРАТУЛЛО МАХСУМ СОЛИ 1921 ДАР РАДАИ АВВАЛИН ИНҚИЛОБЧИЁН ДАР ТАЪСИСИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ МАҚОМ ЁФТ.

Самти асосии фаъолияти Н. Махсум ва ҳамсафонашро дар ин айём муборизаи собитқадамона баҳри ба даст овардани мустақилияти Тоҷикистон ташкил медод. Ба ҷумҳурии мустақили иттифоқӣ табдил ёфтани ҷумҳурӣ қадами бузурге буд дар поягузории давлатдории миллии халқи тоҷик. Аз ин нуқтаи назар, раис бо ҳайати ҳукумати вақт ҷаласаву пленумҳои ноҳиявии комиҷроияҳоро ба роҳ монданд. Маҳз дар ҳамин гирдиҳамоиҳо шахрвандон пешниҳод карданд, ки Тоҷикистон аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баромада, ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ мустақилона дохил гардад...

Баъди муттаҳид сохтани як қисми қаламрави тоҷикон ва ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил додани ҶМШСТ, соли 1929 давлатмарди тоҷик Нусратулло Махсум раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон интихоб гардид.

Шоёни зикр аст, ки солҳои 1921-1933 ҳангоми иҷрои вазифаҳои гуногун - раиси Кумитаи инқилобии вилоятӣ, раиси Кумитаи инқилобии Тоҷикистон барои ҳукумати нав содиқона хидмат намуд. Ағлаби инқилобгарон, муборизони барои таъсиси Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳодисаҳои солҳои 30-юмро пеши назар оварда, саҳми Нусратулло Махсумро дар торумори охирин дастаҳои босмачиён дар ҳудуди мамлакат қайд кардаанд. Фарзанди номвари тоҷик тачрибаи дар раванди муборизаҳои инқилобӣ андӯхта, ҳунару маҳорати ташкилотчигиашро дар эҳёи давлатдории тоҷикон бахшид. Аснои адои вазифаи Раиси КИМ бобати масоили марзбандиҳои ҳудуди миллӣ ва дар ҳудуди Осиёи Миёна таъсис додани ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва мухторӣ Нусратулло Махсум мавқеи устувори хешро дошт. Пас аз шиносоӣ бо протоколи комиссияи марзбандӣ ӯ изҳори норозигӣ намуда, ба Котиби генералии КМ ВКП (б) Иосиф Виссарионович Сталин номаи дод навишта, дар он бобати ҳалли ноодилонаи марзбандӣ бар манфиати халқи тоҷик изҳори андеша намуд. Сарфи назар аз фикрҳои мухталиф, Нусратулло Махсум то охири соли 1933 баҳри ислоҳи саҳву хатоҳои марзбандиҳои миллии соли 1924 мубориза бурд.

Аксар муҳаққиқон бар онанд, ки мактуби Нусратулло Махсум дар тағйир ёфтани қарори комиссия ва аз вилояти худмухтор ба ҷумҳурии мухтор ва пас ба Ҷумҳурии мустақили Шӯравии Сотсиалистӣ табдил ёфтани Тоҷикистон нақши сазовор бозид...

Солҳои роҳбарии Нусратулло Махсум дар Тоҷикистон маъракаҳои бузурге доир шуданд. Ӯ дар таъсиси мақомоти нави идора дар шакли шӯроҳо ва комиҷроияҳо, бозгардондани фирориён ва ташвиқу тарғиби моҳияти ҳукумати нав, ҷалби занон ба корҳои давлатӣ ва меҳнатӣ, ҷамъиятӣ, бунёди иқтисодиёт, иншооти обӣ, бунёди роҳи оҳан ва шабакаи васеи роҳҳои мошингард, маҳви бесаводӣ ва ғайра заҳмати зиёде ба харҷ дод.

Б. В. ТОЛПИГО: БА МО, ЛОЗИМ АСТ, КИ РАИСИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗӢ - КАДХУДОИ ҲАМАИ ТОҶИКОНРО ИНТИХОБ НАМОЕМ. ...ЧУНИН ИНСОН НУСРАТУЛЛО МАХСУМ БУДА МЕТАВОНАД.

Давлатмард ҳамчун Саркори давлат ба масъалаи озодии занон диққати махсус медод. Раис қотеона талаб мекард, ки дар ҳалли масоили мазкур боэҳтиёт бошанд, ҳуқуқҳои шахрвандии зан, манфиату муносибатҳои муътадили оилавии онҳо аз назари эътибор дур намонад.

Нусратулло Махсум, ҳамчунон, ба масоили муҳоҷирати дохилӣ ва муқимишавии аҳолӣ назари хешро дошт. Қабл аз ҳама, таъкид менамуд, ки дар ҳудуди кишвар замини холии истифоданашуда бисёр аст. Аз ин рӯ, ба водиҳо деҳқононе бояд кӯчонида шаванд, ки дар кӯҳсор имкони васеъ кардани хоҷагиҳояшонро надоранд...

Моҳи декабри соли 1933 бо Қарори Бюрои сиёсии КМ ВКП (б) Нусратулло Махсумро ба ихтиёри КМ ВКП (б), барои таҳсил даъват намуданд. Ӯ ба Академияи тарҳрезии ИҶШС шомил гашт...

Соли 1937 Нусратулло Махсумро ба миллатчигӣ, таъсиси созмони зиддишӯравӣ, зиёнкорӣ ва ҳоказо айбдор намуда, ба маҳбас кашиданд... Дар хулосаи прокурори ҳарбии шуъбаи сарпрокуратураи ҳарбии Прокуратураи ИҶШС майори адлия Дикарёв ва 22.9.1957, ки аз бойгонӣ - тафтишоти парвандаи №959012 бобати айбдоркунии Нусратулло Махсум ва маводи тафтишотии иловагиро нисбати ин парванда дида баромада, муқаррар менамояд: «Коллегияи ҳарбии Суди Олии ИҶШС 31.10.1937 мувофиқи моддаҳои 48-2, 58-8, 58 - 11 ҚҶ РСФСР ба Нусратулло Махсум - собиқ раиси КИМ ҶШС Тоҷикистон, пеш аз ҳабс шунавандаи Академияи ИҶШС, ҷазои олӣ - паррондан ва мусодираи тамоми молу мулкашро ҳукм кард». Ҳукми суд 1.11.1937 дар шаҳри Москва ба иҷро расид.

28-уми декабри соли 1957 Коллегияи ҳарбии Суди Олии ИҶШС хулосаи Прокурори генералиро бобати ҳукмномаи Нусратулло Махсум мувофиқи шароитҳои нави баамаломада дида, мавриди баррасӣ қарор дода, онро бекор ва парвандаро ба сабаби вуҷуд надоштани ҷиноят қатъ намуд. Ҳамчунон, 26-уми июни соли 1964 бо қарори раёсати КМ ҲК Тоҷикистон Нусратулло Махсум аз лиҳози ҳизбӣ ҳам (пас аз марг) бегуноҳ дониста шуд...

Соли 2001 дар ҷумҳурӣ 120-солагии фарзанди бузург, арбоби барҷастаи давлатӣ Нусратулло Махсум бо шукуҳу ҷалоли тоза ҷашн гирифта шуд. Беҳуда ҳам нест, ки ҳаёти ибратбахш, талошу муборизаҳои ватанхоҳӣ, усули давлатдории ин давлатмарди тоҷик барои насли имрӯза мактаби ибрат ва омӯзиш мебошад. Таблиғи кору амал ва ному насаби фарзанди номвар таблиғи истиқлол, ваҳдат, ватанпарастӣ, миллатдӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ аст.

Номи фарзанди номвар Нусратулло Махсум дар саҳифаи таърихи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин навишта шудааст, зеро он солҳои бағоят сангин ӯ бори гарони роҳбариро бар дӯш дошта, кулли мардумро барои таҳкими ягонагии миллӣ, ваҳдати тоҷикон даъват менамуд. Нусратулло Махсум ба халқу Ватан садоқати бепоён дошт ва маҳз ҳамин эътиқоди устувараш номи ӯро ҷовидонӣ гардонд...

Умари ШЕРҲОН

Эълонҳои бештар дар

ARZON.TJ

Рӯзи мавлуд муборак, Сабоҳат Алиёрова!

Кулли аҳли авлод, хешу табор, пайвандон Шуморо ба шарафи рӯзи мавлудатон табрику шодбош менамоянд. Аз даргоҳи Худованди ҳаждаҳ ҳазори олам бароятон сари баланд, тани сиҳат ва хонаободӣ таманно дорем. Иллоҳӣ ҳамеша чун субҳи содиқ Сабоҳат бошед.

Бо камоли эҳтиром, бародарон, хоҳаронатон: Муродҳусайн, Озодбахт, Алишер, Сайёҳат, Шарофат, Гуляман, Пайкармо, Маҳбуба, Нигина, Алиёрзодаҳо

МЕФУРӮШАМ

► 4-ҲУҶРАГӢ

► Хонаи 4-ҳуҷрагӣ, ошёнаи 3, бинои 6-ошёна, бино аз хишти пухта, ноҳияи Сино, 33 мкр, 2 ҳаммомхона ва 5 балкони гармкардашуда, фурӯхта мешавад. Масоҳати умумии хона 112 м.кв. Хона таъмири замонавӣ, мебел ва ҳама намуди техникаи маиширо дорад. Тирезаҳои хона ПВХ. Арзиши хона 75 000$ бо пули миллӣ. Арзон намешавад. Беҳуда занг назанед. Телефонҳо барои тамос: 901-22-24-56, 909-21-00-01

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шартномаи хариду фурӯши ҳавлӣ таҳти феҳристи №6Д9-2506 аз санаи 15.09.1997 ба номи Мирзоев Абдурасул Рахмонович, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи сеюм гузаргоҳи Дарвоз, хонаи 12, (пешина ул. 3 проезд Кутузова, дом 12), ки дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Душанбе ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Рашидов Тоҳир Рашидович, бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Федина 11/9, ҳ. 98, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Камолов Суруш Умедҷонович, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба номи Вохидов Абдусалом, РМА: 04585307, ки аз 11.12.2018 таҳти №3890, дар Корхонаи воҳиди давлатии " Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Саидалиев Идрис Умаралиевич, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Очилдиев Хусрав, РЯМ: 0730187957, РМА: 126320731, ки аз 05.03.2019 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №6439 ва шартномаи хариду фурӯш аз 27.12.2001 таҳти феҳристи №9Д-1270, ба номи Азизова Идигул Асатулоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, к. Беҳзод 122, кв. 26, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №6439 ва шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулк аз 26.06.2009 таҳти №4672, ба номи Азизова Идигул Асатулоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Беҳзод 122, кв. 26а, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ бо суроғаи Гипрозем 30/3 кв 31 ба номи шаҳрванд Гоибова Зебонисо Кабуловна дар асоси шартномаи ҳадяи квартира аз санаи 9.02.2023 таҳти рақами 4-429 бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо ҳамаи ҳуҷҷатҳои хона ба номи Хоҷаев Маҳмадюсуф Мирзоумарович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Гастелло 69, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Ирматов Илхомжон, РЯМ: 0730128190, РМА: 075773451, ки аз санаи 11.01.2016 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ воқеъ дар кӯчаи Лермонтов, ҷамоати 40-солагии Тоҷикистон ба номи шаҳрванд Чумаев Радчаб, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Рӯдакӣ аз 5.02.1991 таҳти феҳристи 2 к 666 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи 9Д-842, ки аз санаи 02.11.1998 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Октябри ш. Душанбе, ҳозира н. И. Сомонӣ ба номи Останаева Парвин Муртазоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 2-юм гузаргоҳи П. Лумумба, хонаи 11, квартираи 15 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Бобоева Сарвиноз Мақсадовна, РЯМ: 0430159373, РМА: 046020370, ки аз санаи 27.12.2013 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳамидова Ситора Абдуҳафизовна, РЯМ: 0430217994, РМА: 015110611, ки аз санаи 25.06.2016 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) Миника 1102Ф, №1017204, аз санаи 11.12.2016 ба номи Ҳамидова Ситора Абдуҳафизовна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №6220, аз санаи 06.08.2014, ба номи Адхамов Акбар Акабирович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 1 гузаргоҳи Ҳ. Саидмуродов, хонаи 25, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи №11 АБ №254252 ба номи Нуруллаев Фарҳод Шомухамадович, ки санаи 16-уми июни соли 2001 аз ҷониби МТМУ №15-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Шаҳодатнома ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Миркамолов Дамирчон Бахронович, РМА: 075513677, РЯМ: 0730103688, санаи таъсисёбӣ 13.01.2015, бинобар сабаби гум шуданаш барҳам дода шавад.

► ҶДММ "Регар Сохтмон", РЯМ: 0710008805, РМА: 070015417, бинобар сабаби набудани фаъолияти корӣ барҳам мехӯрад.



JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Manager, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16682/ NPSA-9) Duty Station: Khujand; Deadline for applications: 14 March 2024, 23:59 NY Time.**

- **Driver (3 positions), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 16783/NPSA-2) Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 20 March 2024, 23:59 NY Time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ҶСП БОНКИ «АРВАНД» БА МАЪЛУМОТИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ МЕРАСОНАД, КИ ҶСП БОНКИ «АРВАНД» ҲАМЧУН ВОРИСИ ҶСП «АКСЕССБОНК ТОҶИКИСТОН» БУДА, АЗ ШУМОЁН ХОҲИШ МЕНАМОЯД, КИ ДАР МУҲЛАТИ ТО 30 РӮЗ БА СУРОҒАИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ, НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ, КӮЧАИ ФИРДАВСӢ 61/1 ТАШРИФ ОВАРЕД.
БАРОИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ МЕТАВОНЕД БА ТЕЛЕФОНИ +992 93 888 90 22 МУРОҶИАТ НАМОЕД.

КЛИЕНТ	РЕГИОН	АДРЕС
ООО МЗО ИМКОНИЯТ ХОВАР	Хатлонская обл.; г. Курган -Тюбе	ул. Гафуров 10
ООО АНТАРЕС	Душанбе	Фирдавси; Н.Карабоев; 84/2
ООО ИШТИРОК	г. Душанбе	ул. К. Рахимова ; 4
ООО КОМИССИОНТОРГ	г. Душанбе	Сино Ч. Расулов; 65
ҶДММ САОДАТ	ш. Душанбе	куч. Фотех. Ниёзи х.19
ООО ШЕРДИЛ	Г. Душанбе	Фирдавси; Ю . Обходная 1
ООО "ТАНДЕМ"	г. Душанбе	ул. А.Дониш, д. 18
ООО ТОТАЛ	г. Душанбе; р-н Исмоили Сомони	ул. Азизбекова 2а
ООО ТОР СБ	г. Душанбе; р-н Шохмансур	ул. Ак.Рачабовхо 16/1/4
ООО МЕГАТУР	г. Душанбе; р-н Шохмансур	ул. М. Турсунзода 3/1
ООО БУНЕД-АВИА-ТРЕВЕЛ	г. Душанбе; р-н Сино	ул. Гафурова 32
ООО ЛУНА-2003	г. Душанбе	ул. Федина д.8/2, кв.4
ООО ОИН КОМПАНИЯ	г. Гисар	Джд. Хонако д. Шуроби искандар
ООО АЛОКА-ХИЗМАТ	г. Душанбе; р-н Шохмансур	ул. Ахмади Дониш 26
ООО ФГ ГРУПП	г. Душанбе; р-н Сомони	ул. Шевченко 115
АССОЦИАЦИЯ БАНКОВ ТАДЖИКИСТАНА	г. Душанбе, р-н И.Сомони	проспект Рудаки 100
ООО ХАДАФ ШАРК	г. Душанбе	ул. И. Сомони; Сахбо 519 б
ООО НАНО ЭЛЕКТРОН	г.Вахдат	ул.Б.Гафурова 34
ЗАО СУГДИ СХ	г.Душанбе	Шохмансур Бинокорон 4/12
ФИЛИАЛ "ТУРАС ИНШААТ ЛТД Ш ИРКЕТИ"	РеспубликаТурция	уер; 113 11
ООО СТРАХОВАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ МУИН	г.Душанбе; р-н.И.Сомони	ул.Шота Руставели;61/1
ООО БУРИЗОД	г.душанбе;р-н Сино	ул.С.шерози 35/81
ООО ДЖАХОНГИР-90	г.ДУШАНБЕ; р-он Фирдавси	ул.Кахорова 3/35
ООО "ХОЛМАТИЕН"	г.Душанбе	ул.С.Шерози д.5
ЗАО АТМ СЕРВИС ДУШАНБЕ	г. Душанбе	р-н Фирдавси, ул. С. Шерози 16
ООО ДИЛШОД	ДУШАНБЕ	И. СОМОНИ РУДАКИ 89
ООО СОДОТ-ТРАНСТУР	г. Душанбе	р. Сомони, Рудаки 44
ҶДММ "ШАРБАТҲО"	ш. Душанбе	ноҳ. Сино куч. Ломоносов 90 А
ООО ЛАКОМКА	г. ДУШАНБЕ	пр. РУДАКИ 55
ООО АГРОХИМОЯ	г.Душанбе	ул.Рудаки, 44
ООО РУШД МУЛТИМЕДИА	Душанбе	Ул. М.Турсунзода 112/8-9
ООО ФАРДО	г.Душанбе	ул.Ломоносова, 342
ООО ТЕКСТИЛЬКОНТРАКТ ТРАНССТРОЙ	г. Душанбе, Шохмансур	Ул. Назаншоев 143
ООО ЗЕНГЕР	г. Душанбе	Сино, Испечак 7
ҶДММ "РЕД ЛАЙН ВИП"	ш. Душанбе	к. Федина, х. 7, ҳуҷ. 9
ООО САЁХАТИ НУР	г.Душанбе	Шохмансур, Айни 54/1/9
ООО ЧАКРА	г.Душанбе	Ул. Фучик 4
ООО ДОРОИ ЗАМОН	г.Душанбе	ул.Шураксои, д.86
ООО РУСТАМ-ПРОРАБ	г. Душанбе	ул. Борбад, д. 36
ҶДММ КАЙХОН	ш. Душанбе	к. Абая, 4/1
ООО "СОЛЕХАБОНУ"	г. Душанбе	ул. Сино, д. 136/4
ООО ФОРЕКС	г.Душанбе	ул.Фучика 122
ООО РИЭЛТ КОМПАНИ	Душанбе	ул. Умар Хайем 20
